Сохта шуд: 08.11.2016,  14:05



Чамъомаде, ки ба муносибати 22-юмин солгарди кабули Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар толори Вазорати мудофиаи кишвар доир гардид, вазири мудофиа генерал-лейтенант Шерали Мирзо, зимни баргузории он суханронӣ намуда, бо такя аз ахамияти хукукии Конститутсияи даврони сохибистиклолии кишвар, накши ин санади мукаддаси таърихӣ ва сарнавишсозро дар таърихи давлатдории навини точикон ва бунёди чомеаи адолатпарвару ичтимоӣ ва ягона мухиму зарурӣ арзёбӣ намуданд.

Хамзамон дар чаласа хайати шахсии Дастгохи марказии вазорат, Ситоди генералии Куввахои Мусаллах ва рохбарони навъхои кӯшуни Артиши Миллӣ иштирок доштанд. Соли равон ба Конститутсияи Чумхурии Точикистон бори сеюм тагйиру иловахо ворид карда шуд, ки он дар хаёти сиёсии мардум ва давлати Точикистон навгонихои зиёдеро рӯйи кор овард, зикр карданд афсарони гуногунрутбаи ин ниходи кудратӣ дар чамъомад. Албатта, аз давраи мухокима ва чараёни баргузории ин маъракаи мухими сиёсӣ маълум буд, ки хадафу мохияти ягонаи тагйиру иловахои навбатӣ ба Конститутсия, ин пеш аз хама тахкиму таквият бахшидани хамаи рукнхои чомеа дар сатхи зарурӣ ва зиндагии шоистаи шахрвандон дар доираи конуну хукукхои конститутсиониро дар бар мегирифт.

Тавре кайд карда шуд, Конститутсияи Чумхурии Точикистон асоси конунхои амалкунандаи чумхурӣ ба хисоб рафта, он 6-уми ноябри соли 1994 тарики райъпурсии умумихалкӣ кабул шудааст, ки дар катори конститутсияхои панчгонаи чахонӣ эътироф гардидааст. Махз хамин Конститутсия, Чумхурии тозаистиклоли Точикистонро хамчун давлати сохибихтиёр, демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва ягона муаррифӣ намуда, эътибори хукуку озодихои шахрвандони кишварро дар микёси чахон баланд бардоштааст. Дар вокеъ ин санади олии хукукӣ таъмини хукуку озодихои инсон, шахрвандон ва волоияти конунро ба миён оварда, дар кишвар фазои сулху оромии комилро таъмин намуд. Кайд кардан ба маврид аст, ки эхтиром ва арч гузоштан ба ин макаддасоти миллӣ вазифаи аввалиндарачаи хар як фарди ба ору номуси миллат махсуб меёбад.





Зеро, он кафили зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи шахрвандон мебошад. Хамин тавр, дар анчоми чорабинии навбатӣ аз чониби хайатхои рохбариву фармондехии Вазорати мудофиа ба хамаи хизматчиёни харбӣ риояи хатмии конуният, низоми хукукӣ ва тартиби конститутсиониву оинномавии пешбурди фаъолият таманно карда шуд. Инчунин, дар доираи накша-чорабинихои чашнӣ  бахшида ба рӯзи Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар Донишкадаи харбии Вазорати мудофиа низ конфронси илмӣ амалӣ бо иштироки хайати устодону донишчӯён ва намояндагон аз дигар макомоти кудратии кишвар доир гардид, ки дар чараёни он доир ба накшу арзиши оллӣ ва таъминкунандаи муносибатхои чамъиятиву хукукӣ будани Конститутсия мулохизаронӣ сурат гирифт.

Дар конфронсӣ илмӣ-амалӣ илова гардид, ки яке аз бартариятхои Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар мукоиса бо дигар Конститутсияхои чахон дар он дониста шудааст, ки хукуку озодихои инсон ва шахрванд арзиши олӣ эътироф шуда, баробархукукии  хама миллатхо новобаста  аз дину нажод таъмин карда мешавад. Кобили кайд аст, ки дар хама сохторхои таркибии Вазорати мудофиаи кишвар ва кисму вохидхои низомии ин сохтори кудратӣ, чорабинихои чашнӣ ба муносибати 22-юмин солгарди кабули Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар фазои идона ва бо шукӯху шахомати тоза доир гардиданд.

**Маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон**